**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Айюбзода Хуршеда (Холматова Хуршеда Айюбҷоновна” дар мавзуи «Инъикоси консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Омӯзиш ва ба риштаи таҳқиқи консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар забонҳои тоҷикиву англисӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илми забоншиносии шинохтӣ маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, таҳқиқи масъалаи мазкур дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ иқдоми аввалин дар забоншиносии муқоисавӣ буда, мубрам ва қобили таваҷҷӯҳ ба шумор меравад.

Диссертатсияи Айюбзода Хуршеда дар мавзуи «Инъикоси консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» мавзуи мубрам ва саривақтӣ аст.

Диссертатсия, чунонки аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ ва замима иборат буда, ҳаҷми умумии он 202 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Навгонии илмии таҳқиқот, аз он иборат аст, ки дар диссертатсия аввалин маротиба методи тафсирии таҳқиқи мафҳумҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ”, "richness" and "poverty” таркибҳои этимологӣ, сохторӣ-маъноӣ ва когнитивии онҳо муайян карда шудааст.

Аввалин маротиба мутобиқати усулҳои ташреҳи луғавӣ ва фразеологии ин мафҳумҳо дар забонҳои қиёсшаванда ошкор карда шудаанд.

Инчунин, мувофиқати таркибҳои когнитивие, ки решаи ин мафҳумҳоро ташкил медиҳанд дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян гардидаанд.
Фарқият ва умумияти консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ”, "richness " and "poverty” дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисзабонон нишон дода шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он дар таҷрибаи забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии когнитивӣ ва забоншиносии муқоисавӣ истифода мешавад. Инчунин, маводди таҳқиқот дар мураттабкунии фарҳангҳои фразеологизмҳо ва ибораҳои халқӣ мусоидат карда метавонанд. Аз маводди таҳқиқот тарҷумонҳо, фарҳангшиносон, ҷомеашиносон, омӯзгорону пажуҳишгарон ва донишҷӯён истифода карда метавонанд.

Диссертант Айюбзода Хуршеда дар се боби диссертатсия методи тафсирии таҳқиқи мафҳумҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ”, "richness " and "poverty” таркибҳои этимологӣ, сохторӣ-маъноӣ ва когнитивии онҳо муайян карда шудааст.

Аввалин маротиба мутобиқати усулҳои ташреҳи луғавӣ ва фразеологии ин мафҳумҳо дар забонҳои қиёсшаванда ошкор намудааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, нававарии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, асосҳои методологӣ,

аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, объект, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – "Асосҳои назариявии таҳқиқи консепт" унвон дошта, аз панҷ зербоб иборат аст. Масъалаҳои баррасишавандаи боби мазкур омӯзиши забоншиносии когнитивии муосир ҳамчун илм, ҷанбаи лингвофарҳангии робитаи забон ва фарҳанг, усулҳои дифференсиалии таърифи консепт, моҳияти тасвири олам ва ташаккули забоншиносии шинохтии ватаниву хориҷӣ мебошанд.

Боби дуюм "Консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар системаи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ном дошта, аз се зербоб иборат буда, он фарогири масъалаҳои шакли дохилии консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ", шарҳи консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар луғатҳои этимологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ифодаи маҷозии консепти "бойигарӣ" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Боби сеюм "Мавқеи консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" унвон дошта, аз панҷ зербоб иборат аст. Дар ин боб мувофиқати номи консептҳои таҳқиқшаванда аз лиҳози лингвофарҳангӣ, идиома манбаи асосии консептҳои таҳқиқшаванда, нақши ин консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар ташаккули зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таркибҳои когнитивии фразеологӣ ва ҷараёни инкишофи консептҳои таҳқиқшаванда дар забони тоҷикӣ (дар охири асри XX) баррасӣ шудаанд.

Ҷоизи қайд аст, ки ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххас ва дақиқ халлу фасл гаштааст.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди таълими равияи забоншиносии муқоисавии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ ҳамчун дастури таълимӣ истифода шаванд. Маводди таҳқиқот дар мураттабкунии фарҳангҳои фразеологизмҳо ва ибораҳои халқӣ мусоидат карда метавонанд. Аз маводди таҳқиқот тарҷумонҳо, фарҳангшиносон, ҷомеашиносон, омӯзгорону пажуҳишгарон ва донишҷӯён истифода карда метавонанд.

Ҳамин тавр, диссертант Айюбзода Хуршеда вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ҳаллу фасл кардааст, барои таълиф кардани чунин таҳқиқот осори зиёд ва ба мавзуъ алоқамандро мутолиа намудааст.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур баробари комёбиҳои зиёд баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд;
2. Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасанд.

Эродҳои зикргардида арзиши илмии ин корро паст намекунанд ва онҳоро муаллиф метавонад дар таҳқиқотҳои оянда ислоҳ намояд.

Хулоса, таҳқиқот дар сатҳи лозимии илмӣ сурат гирифтааст. Айюбзода Хуршеда аз адабиёти зиёд истифода бурда, тавонистааст мавзӯи илмиашро асоснок намояд.

Нашри мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конференсияҳо гувоҳӣ медиҳад, ки муаллифи рисола муҳаққиқи хуби илмӣ мебошад. Автореферати диссертатсия ва 15 мақолаи диссертант, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Айюбзода Хуршеда дар мавзуи «Инъикоси консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи бандҳои 31-33 - и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи забонҳо
Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В.Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Сабирова Сановбар Ғаниевна

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Соатов, 10 х. 1.
E-mail: ssanovbar@mail.ru
Тел: (+992) 93 582 32 02

Имзои Сабирова С.Ғ. -ро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои
махсуси ДДМ ба номи М.В.Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Пирназар С.М.

Суроға: 734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1.
E-mail: info@.msu.tj
Сомона: www. msu.tj
Тел: (+992 37) 221- 99-41

«05» майи соли 2025